«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи (Славянии)Россия ва Тоҷикистон
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор
__________ Иброхимзода ИР.
«____» ____________ соли 2026

# ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

**ба диссертатсияи Саидзода Раҷабали Ҳокимҷон дар мавзуи: «Таҳқиқоти криминалистии усули тафтиши ҷиноятҳои марбут ба вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.12. Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи Саидзода Раҷабали Ҳокимҷон дар мавзуи «Таҳқиқоти криминалистии усули тафтиши ҷиноятҳои марбут ба вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.12.Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертї; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, ки аз рӯйи он ба шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 1 апрели соли 2022, №95/шд ва 25 октябри соли 2024 №407 ш/д ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Дар шароите ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муносибатҳои бозорӣ гузашта, аз низоми фармондеҳию маъмурии идоракунӣ даст кашидааст, аҳаммияти татбиқи меъёрҳои конститутсионӣ, ки ҳифзи ҳуқуқи шаҳрвандон, ташкилотҳо ва давлат ва тартиботи ҷамъиятро кафолат медиҳанд, ба таври назаррас афзоиш ёфтааст.

Амалияи тафтишотӣ ва Қонуни мурофиавии ҷиноятӣ амалкунанда дар қатори вазифаҳои худ ҳифзи ҳаёт ва саломатии инсон ва шаҳрвандон,

тартиботи ҷамъиятӣ ва моликиятро аз таҷовузҳои ҷиноятӣ яке аз самтҳои асосӣ меҳисобад. Дар татбиқи ин вазифа, мубориза и муассир бо кирдорҳои зиддиқонунӣ, аз ҷумла вайрон кардани қоидаҳои ҳаракат дар роҳҳо ва истифодаи воситаҳои нақлиётӣ нақши муҳим дорад.

Ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандон ҳаёт ва саломатӣ, баробарии муҳофизати ҳамаи шаҳрвандон, шаклҳои моликият ва тамоми тартиботи ҷамъиятиро дар назар мегирад. Бо вуҷуди ин, дар амал иҷрои пурраи ин вазифа таъмин нагаштааст. Хусусан, пешгирии садамаҳои нақлиётӣ ба таври кофӣ ҳифз намешавад.

Аҳаммияти таҳқиқи масъалаи мазкур дар шароити имрӯза боз ҳам меафзояд, зеро нақши воситаҳои нақлиёт дар ҳаёти иҷтимоиву иқтисодии ҷомеа ҳам дар ҷаҳон ва ҳам дар Тоҷикистон босуръат меафзояд. Агар дар гузашта воситаҳои нақлиёт молу мулки боҳашамат ба ҳисоб мерафтанд, имрӯз онҳо ба воситаи зарурии рӯзмарра табдил ёфтаанд. Шумораи соҳибони воситаҳои нақлиёт рӯ ба афзоиш дорад ва бисёри онҳо онҳоро на танҳо барои эҳтиёҷоти шахсӣ, балки дар фаъолияти соҳибкорӣ ва истеҳсолӣ низ истифода мебаранд.

Баланд шудани арзиши бозории воситаҳои нақлиёт, ки қисми зиёди онҳо аз мошинҳои истеҳсоли хориҷӣ иборатанд, боиси афзоиши назарраси ҷиноятҳои марбут ба таҷовуз ба чунин моликият гардидааст.

Дар баробари ин, садамаҳои нақлиётӣ рӯз аз рӯз зиёд гашта истодаанд, ки боиси талаф додани ҳаёти инсонӣ, маҷрӯҳ шудани саломатии онҳо, хавфи ҷамъиятии тартиботи ҷамъиятӣ гашта истодаанд.

Ҳамаи ин омилҳо зарурати таҳқиқи амиқи масъалаи тафтиши вайрон кардани қоидаҳои ҳаракат дар роҳҳо ва истифодаи воситаҳои нақлиётӣ ва таҳкими ҳимояи ҳуқуқии ҷабрдидагони ин садамаҳоро дар амалияи тафтишӣ ва қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ тақозо менамоянд.

Зарурати амалӣ барои таҳқиқи тафтиши ҷиноятҳо вобаста ба садамаҳои нақлиётӣ, пеш аз ҳама, аз мушкилоти мавҷуда дар бандубасти ҳуқуқии кирдори шахсоне, ки чунин ҷиноятҳоро содир менамоянд, бомаҳоратона

тафтиши ин гурӯҳи парвандаҳо, муқаррар кардани андозаи зиррар аз ин қоидавайронкуниҳо бармеояд. Дар доираи назария ва амалияикриминалистика то ҳол андешаи ягона оид ба моҳияти мафҳуми «вайронкунии қоидаҳои ҳаракат дар роҳҳо ва истифодаи воситаҳои нақлиётӣ», тартиби тафтиши ин ҷиноятҳо, лаҳзаи анҷоми ин садамаҳо, мазмуни предмети он, инчунин фарқгузорӣ аз дигар таркибҳои ҳаммазмуни дигар садамаҳои нақлиётӣ, аз қабили аз ҷониби пиёдагард вайрон кардани қоидаҳои бехатарии ҳаракат, дар хатар монондан, одамкушии барқасдона тавассути воситаҳои нақлиётӣ вуҷуд надорад.

Дар шароити муосир, вайронкунии қоидаҳои ҳаракат дар роҳҳо ва истифодаи воситаҳои нрақлиётӣ на танҳо ҷинояти мустақил, балки дар бисёр ҳолатҳо марҳалаи омодагӣ ба содир кардани ҷиноятҳои такрорӣ ва вазнинтар, аз ҷумла дигар ҷиноятҳои хавфнок мебошад. Ин ҳолат зарурати таҳияи чораҳои илмӣ асосноки мубориза бо чунин кирдорҳоро тақозо менамояд.

Аз ин рӯ, таҳлили амиқи тафтиши вайронкунии қоидаҳои ҳаракат дар роҳҳо ва истифодаи воситаҳои нақлиёт на танҳо аз дидгоҳи назариявӣ, балки пеш аз ҳама аз ҷиҳати амалӣ аҳаммияти бузург дорад. Такмил додани амалияи тафтишӣ ва сохтори муқаррароти қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ, инчунин сохтори моддаи 212 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад ба баланд бардоштани самаранокии мубориза бо ин намуди ҷиноят ва таъмини ҳифзи воқеии ҳуқуқ ба ҳаёт ва саломатии шаҳрвандон мусоидат намояд.

**Дараҷаи асоснокии гузориши илмӣ, хулосаю пешниҳод, ки дар диссертатсия оварда шудааст.** Дараҷаи асоснокии гузориши илмӣ, хулосаю пешниҳодҳои диссертатсияи Саидзода Раҷабали Ҳокимҷон дар мавзуи «Таҳқиқоти криминалистии усули тафтиши ҷиноятҳои марбут ба вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт» баланд буда, натиҷаҳои он бар асоси таҳлили ҳамаҷонибаи қонунгузории ҷиноятӣ, маводи тафтишотию судӣ ва адабиёти илмӣ ба даст оварда шудаанд.

Дар кори мазкур, бо истифода аз методҳои диалектикии умумиилмӣ, таърихӣ-ҳуқуқӣ, низомнокӣ, муқоисавӣ ва оморӣ, хусусиятҳои назариявӣ ва амалии ҷинояти вайронкунии қоидаҳои ҳаракат дар роҳҳо мавриди таҳқиқи амиқ қарор гирифта, масъалаҳои муҳимми криминалистика, аз ҷумла муайян намудани тарзи содиршавии ин ҷиноятҳо, предмети ҷиноят, вазъиятҳои маъмули тафтишӣ марҳиллаҳои аввалин ва минбаъдаи тафтишӣ ва муайян кардани тартиби истифодаи донишҳои махсус дар ошкор ва тафтиши ин ҷиноятҳо, таҳлил шудаанд.

Дар диссертатсия бори аввал таҳқиқоти мукаммали илмӣ оид ба тафтиши вайронкунии қоидаҳои ҳаракат дар роҳҳо ва истифодаи воситаҳои нақлиётӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шуда, аломатҳои таркибии тафтиши ин ҷиноят, хусусиятҳои тафтишии он дар асоси таҳлили муқаррароти амалияи тафтишӣ ва қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҷрибаи судӣ баррасӣ гардидаанд.

Муаллиф бо далелҳои муътамади илмӣ ва таҷрибавӣ собит намудааст, ки дар амалияи тафтишӣ ва қонунгузории мурофиавии ҷиноятии амалкунанда як қатор камбудиҳо ва норавшанӣ ҷой доранд. Дар ин робита, дар рисола зарурати пешниҳод намудани тавсияҳои нав ба амалияи тафтишӣ ва ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок гардидааст. Хусусан пешниҳод шудааст, ки мафҳумҳои калидӣ, истилоҳоти ҳуқуқӣ ва унсурҳои таркибии тафтишии садамаҳои нақлиётӣ бо назардошти таҷрибаи тафтишӣ, пурсишҳои сотсиологӣ инчунин омӯзиши омори расмии Вазорати корҳои дохилӣ дақиқтар муайян карда шаванд.

Ҳамзамон, дар кори мазкур пешниҳодҳои мушаххас барои такмили тафтишот, қонунгузории ҷиноятӣ ва мурофиавии ҷиноятӣ, қонунгузорӣ вобаста ба танзими қоидаҳои ҳаракат дар роҳҳо, муайян намудани аломатҳои вазнинкунанда, андозаи зарар, доираи иштирокчиён ва маҳалли анҷомёбии ҷиноят пешниҳод ва асоснок шудаанд.

Хулоса ва пешниҳодҳои муаллиф бар асоси таҳлили илмӣ ва маводи кофии амалии ҷамъшуда асоснок гардида, татбиқи онҳо метавонад ба баланд

бардоштани самаранокии қонунгузории ҷиноятӣ, такмили амалияи тафтишотӣ ва судӣ ва таъмини ҳифзи боэътимоди ҳуқуқ ба ҳаёт ва саломатии шаҳрвандон мусоидат намояд.

**Навгонии илмии таҳқиқ ва саҳеҳияти натиҷаҳои гирифташуда.**

Навоварии илмии таҳқиқоти мазкур, пеш аз ҳама, дар он ифода меёбад, ки бори аввал дар сатҳи илмӣ-ҳуқуқӣ масъалаи тафтиши садамаҳои нақлиётӣ мавриди таҳқиқи ҳамаҷониба ва системавӣ қарор гирифтааст. Дар раванди омӯзиш, истифодаи донишҳои махсус дар асоси таҳлили муфассали адабиёти илмӣ, амалияи тафтишотӣ ва судӣ ва таҷрибаи қонунгузории кишвар таҳлил ва шарҳ дода шудаанд.

Бори аввал дар доираи ин таҳқиқот, бо такя ба далелҳои назариявӣ ва амалии боэътимод, зарурати такмили қоидаҳои нави тафтишот, моддаи 212 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон исбот гардидааст. Муаллиф нишон медиҳад, ки барои баланд бардоштани дақиқии ҳуқуқӣ ва самаранокии равияи тафтишот ва қонунгузории ҷиноятӣ зарур аст, ки амалҳои алоҳидаи тафтишӣ ҷонноктар танзим шуда, бознигарӣ шаванд.

Дар доираи рисола масъалаҳои зерин ҳамчун самтҳои асосии навоварии илмӣ мавриди таҳқиқи амиқ қарор гирифтаанд:

– таҳқиқи умуминазариявӣ-криминалистии вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт;

– тавсифи криминалистии вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт;

– ҳолатҳое, ки дар раванди тафтиши парвандаҳои ҷиноятии вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт бояд исбот карда шаванд;

– хусусиятҳои оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ ва ташкили тафтиши ҷиноятҳои вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт;

– вазъиятҳои намунавии тафтишӣ ва банақшагирии тафтиши вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт;

– хусусиятҳои тактикии амалҳои алоҳидаи тафтишӣ дар тафтиши ҷиноятҳои вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт;

– таъйин намудани экспертизаи судӣ дар мавриди тафтиши ҷиноятҳои вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт.

Натиҷаҳои бадастомада дар нуқтаҳои барои ҳимоя пешниҳодшаванда ва дар хулосаҳои асосии таҳқиқот таҷассум ёфтаанд. Онҳо метавонанд дар такмили амалияи тафтишотӣ ва меъёрҳои қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ оид ба тафтиши ҳама гуна садамаҳои нақлиётӣ, инчунин дар фаъолияти ҳуқуқтатбиққунӣ ва омӯзиши илмии ҳуқуқӣ васеъ истифода шаванд.

Саҳеҳияти натиҷаҳои таҳқиқот бо истифода аз маҷмуи методҳои муосири илмӣ, аз ҷумла таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, таърихӣ-ҳуқуқӣ, низомнокӣ ва таҳлили оморӣ таъмин гардидааст. Дар раванди таҳқиқ маълумоти оморӣ оид ба ҷиноятҳои солҳои 2018–2025, маводи воқеии тафтишотӣ ва судӣ истифода шудаанд, ки ба баланд шудани сатҳи боэътимодии хулосаҳо ва асоснокии натиҷаҳо мусоидат менамоянд.

Хулосаҳои илмии муаллиф бар пояи таҳлили ҳамаҷонибаи назариявӣ ва таҷрибаи ҳуқуқтатбиққунӣ асос ёфта, далелҳои дар рисола овардашуда аз ҷиҳати илмӣ ва амалӣ пурра боэътимод ва асоснок мебошанд.

Ҳамин тариқ, навоварии илмӣ ва саҳеҳияти натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур дорои заминаи устувори назариявӣ ва амалии илмӣ буда, ба рушди минбаъдаи илми криминалистика, ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ, ҳуқуқи ҷиноятӣ, такмили амалияи тафтишот дар самти ҳифзи ҳаёт ва саломатии шаҳрвандон моликият, ва баланд бардоштани самаранокии мубориза бо ҷиноятҳои марбут ба воситаҳои нақлиёт мусоидат менамояд.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия.** Натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур саҳми муҳим дар рушди назарияи тафтишот, илми криминалистика ҳуқуқи ҷиноятӣ, бахусус дар самти омӯзиши тафтиши ҷиноятҳои ба муқобили вайронкунии қоидаҳои ҳаракат дар роҳҳо ва истифодаи воситаҳои нақлиёт доранд. Дар ин рисола бори аввал дар сатҳи

илмӣ-ҳуқуқӣ масъалаҳои мубрами вобаста ба тафтиши ҳама гуна садамаҳои нақлиётӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки оқибати ҷавобгарии ҷиноятиро ба миён меоранд, ба таври мукаммал ва комплексӣ мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Дар натиҷа, аломатҳои муҳими таркиби ҷинояти пешбинишуда дар моддаи 212 КҶ ҶТ дақиқ ва такмил дода шудаанд, ки ин ба рушди минбаъдаи таҳқиқоти илмӣ дар ин самт заминаи назариявӣ фароҳам меорад.

Аз ҷиҳати амалӣ, натиҷаҳои бадастомада метавонанд барои такмили фаъолияти ҳуқуқэҷодкунанда ва ҳуқуқтатбиқкунанда аҳаммияти калон дошта бошанд. Пешниҳодҳои мушаххаси муаллиф оид ба рушди самти тафтишот такмили қонунгузорӣ ба баланд бардоштани дақиқии ҳуқуқии меъёрҳои ҷиноятӣ ва таъмини ягонагии амалияи тафтишию судӣ мусоидат мекунанд.

Аз дидгоҳи иҷтимоӣ ва иқтисодӣ, татбиқи дурусти натиҷаҳои таҳқиқот ба таҳкими ҳифзи ҳуқуқ ба ҳаёт ва саломатӣ, моликият, баланд бардоштани эътимоди шаҳрвандон ба қонун ва мақомоти давлатӣ, инчунин ба паст шудани сатҳи садамаҳои нақлиётӣ мусоидат мекунад.

Ҳамин тавр, натиҷаҳои диссертатсия дорои аҳаммияти фарогири илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ мебошанд. Онҳо метавонанд барои рушди устувори ҷомеа ва давлат, таҳкими қонуният ва адолати иҷтимоӣ, инчунин баланд бардоштани самаранокии сиёсати ҷиноятии миллӣ дар шароити афзоиши нақши воситаҳои нақлиёт дар ҳаёти иқтисодию иҷтимоии мамлакат, саҳми назаррас гузоранд.

**Дарҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқ.** Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот бо истифода аз маҷмуи васеи методҳои илмии санҷидашуда таъмин гардидааст. Дар раванди таҳқиқ усулҳои муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, таърихӣ-ҳуқуқӣ, мантиқи шаклӣ, низомнокӣ ва таҳлили оморӣ ба таври мақсаднок ва пайваста истифода шудаанд. Муаллиф дар асоси маълумоти воқеии тафтишотию судӣ, маълумоти омории мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, инчунин таҷрибаи ҳуқуқтатбиқкунии солҳои 2018-2025, таҳқиқоти худро анҷом додааст, ки ин заминаи боэътимоди эмпирикиро барои натиҷаҳо ва хулосаҳо фароҳам овардааст.

Дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои бадастомада бо такя ба манбаъҳои боэътимоди илмӣ ва таҷрибавӣ таъмин шудааст. Дар ин замина адабиёти илмии ватанӣ ва хориҷӣ, қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, амалияи тафтишӣ, инчунин маводҳои парвандаҳои воқеии ҷиноятӣ мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Омӯзиши амиқ ва муқоисавии ин манбаъҳо имкон дод, ки натиҷаҳо бо далелҳои воқеӣ ва меъёрҳои ҳуқуқӣ тасдиқ гарданд ва аз ҷиҳати илмӣ ва амалии худ комилан боэътимод бошанд.

Асоснокии илмии натиҷаҳо дар он зоҳир мегардад, ки муаллиф бо истифода аз таҳлили ҳамаҷонибаи назариявӣ ва таҷрибавӣ пешниҳодҳои мушаххаси назариявию амалиро барои такмили қонунгузории ҷиноятӣ ва баланд бардоштани самаранокии амалияи тафтишӣ ва татбиқи он таҳия намудааст. Ҳар як хулоса ва тавсияи муаллиф бо далелҳои илмӣ, таҳлили мантиқӣ ва таҷрибаи воқеии судию тафтишотӣ асоснок гардидааст, ки имкони татбиқи онҳоро дар амалия пурра таъмин мекунад.

Ҳамин тавр, натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур бо дараҷаи баланди эътимоднокӣ, асоснокии илмӣ ва дурустии амалӣ фарқ мекунанд. Онҳо барои истифода дар фаъолияти илмӣ, ҳуқуқэҷодкунӣ, ҳуқуқтатбиққунӣ ва раванди таълим мувофиқ буда, метавонанд ба таҳкими асосҳои назариявӣ ва амалии ҳифзи ҳуқуқи инсон ва мубориза бо ҷиноятҳои марбут ба воситаҳои нақлиёт мусоидат намоянд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ.** Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ Саидзода Раҷабали Ҳокимҷон дар таҳқиқоти мазкур бо сатҳи баланди навоварии илмӣ, масъалагузории назариявӣ ва услуби таҳлили илмӣ пурра тасдиқ мегардад. Ҳамаи нуктаҳои асосии илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, аз ҷониби худи муаллиф мустақилона таҳия, коркард ва бо далелҳои илмӣ асоснок карда шудаанд.

Саҳми шахсии муаллиф пеш аз ҳама дар таҳияи пешниҳодҳои мушаххас оид ба амалияи тафтишӣ, муайян намудани тарди дурусти тафтиши садамаҳои нақлиётӣ, таҳияи тавсияҳои назариявию амалии ҳуқуқӣ барои такмил додани

қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ифода меёбад.

Илова бар ин, саҳми шахсии муаллиф дар нашри мақолаҳои илмӣ, маърузаҳо дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ, инчунин дар иштирок дар таҳияи лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва пешниҳоди таклифҳо оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ инъикос ёфтааст. Ин фаъолиятҳо арзиши амалии натиҷаҳои таҳқиқотро боз ҳам баландтар намуда, саҳми шахсии довталабро дар рушди илми криминалистика ва ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ ва такмили қонунгузории миллӣ возеҳ нишон медиҳанд.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.**

Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти мазкур дар 6 мақолаҳои илмӣ инъикос гардида, ба баррасии паҳлуҳои гуногуни тафтиши ҷиноятҳо вобаста ба вайрон кардани қоидаҳои ҳаракат дар роҳҳо ва истифодаи воситаҳои нақлиётӣ бахшида шудаанд. Аз ҷумла, 5 мақола дар маҷаллаҳои илмие нашр гардидаанд, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои интишор тавсия шудаанд. Дар ин нашрияҳо натиҷаҳои калидӣ, хулосаҳои илмӣ ва тавсияҳои пешниҳодкардаи унвонҷӯ ба таври мушаххас ва возеҳ баён ёфтаанд.

**I. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:**

[**1-М**]. Саидзода, Р.Ҳ. Тавсифи криминалистикии ҷинояти вайрон кардани қоидаҳои ҳаракат дар роҳ ва истифодаи воситаи нақлиёт [Матн] / Р.Ҳ. Саидзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2020. – №5. – С. 273-277; ISSN 2413-5151.

**[2-М].** Саидзода, Р.Ҳ. Тавсифи ҳолатҳои садамавии роҳ ва намудҳои садамаҳои нақлиётӣ [Матн] / Р.Ҳ. Саидзода // Осори Академияи ВКД Љумњурии Тољикистон. – 2020. – №4 (48). – С. 161-165; ISSN 2412-141X.

**[3-М].** Саидзода, Р.Ҳ. Масоили тактикии азназаргузаронии ҷойи ҳодиса дар мавриди тафтиши ҷинояти вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт [Матн] / Р.Ҳ. Саидзода // Осори Академияи ВКД Љумњурии Тољикистон. – 2021. – №2 (50). – С. 98-103; ISSN 2412-141X.

**[4-М].** Қодирзода, Д.С., Саидзода, Р.Ҳ. Азназаргузаронии ҷойи ҳодиса ҳангоми тафтиши ҷинояти вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт [Матн] / Д.С. Қодирзода., Р.Ҳ. Саидзода // Осори Академияи ВКД Љумњурии Тољикистон. – 2025. – №3 (67). – С. 30-38; ISSN 2412-141X.

**[5-М].** Саидзода, Р.Ҳ. Тактикаи пурсиши айбдоршаванда дар мавриди тафтиши ҷинояти вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт [Матн] / Р.Ҳ. Саидзода // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2025. – №3 (39). – С. 262-1268; ISSN 2414- 9217.

**II. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмуаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ–амалӣ чоп шудаанд:**

**[6-М].** Саидзода, Р.Ҳ. Баъзе аз хусусиятҳои тактикаи ташкил ва гузаронидани пурсиш вобаста ба вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаи нақлиёт [Матн] / Р.Ҳ. Саидзода // «Ҳуқуқи инсон дар ҷаҳони муосир: консепсияҳо, воқеият ва дурнамо»: маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ бахшида ба Рӯзи ҳуқуқи инсон ва Рӯзи байналмилалии муқовимат бо коррупсия. – Душанбе, 2022. – С. 401-410.

**Арзёбии мазмуни диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он. Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Дар муқаддимаи диссертатсия аҳаммияти илмӣ ва амалии мавзӯъ бо далелҳои муътамад ва таҳлили воқеӣ асоснок гардидааст. Дар ин бахш сатҳи таҳқиқи мавзуъ дар адабиёти илмӣ арзёбӣ шуда, зарурати омӯзиши минбаъдаи он дар шароити ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дода шудааст.

Ҳамзамон, дар муқаддима мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, объект ва предмети омӯзиш, инчунин асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқот ба таври дақиқ муайян гардидаанд. Муаллиф заминаҳои эмпирикии таҳқиқотро

бо такя ба маводи воқеии судӣ, тафтишотӣ ва оморӣ нишон дода, унсурҳои асосии навоварии илмии мавзуъро бо далелҳои назариявию амалии муътамад ифода кардааст.

Нақша ва сохтори диссертатсия тавре таҳия шудаанд, ки маҷмуи масъалаҳои калидӣ ва зарурии марбут ба ҳалли мавзуи таҳқиқшавандаро дар бар гирифта, пайдарҳамии мантиқӣ ва мутобиқати дохилии қисмҳои онро таъмин менамоянд.

**Сохтори рисолаи илмӣ** бо назардошти мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, аз номгӯйи ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ, муқаддима, се боб, ҳафт зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт (маъхазҳо) ва феҳристи интишороти илмии довталаби дараҷаи илмӣ иборат буда, ҳаҷми умумии диссертатсия 207 саҳифаро дар бар мегирад.

Боби якум – «**Тавсифи криминалистии вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт**» ба омӯзиши таҳқиқи умуминазариявӣ-криминалистии вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт, тавсифи криминалистии он, инчунин ҳолатҳое, ки дар раванди тафтиши парвандаҳои ҷиноятии мазкур бояд исбот карда шаванд бахшида шудааст

Муаллиф тавсифи умумии ин ҷиноятҳоро таҳлил менамояд. Ӯ нишон медиҳад, ки имрӯзҳо мавҷудият ва нақши воситаҳои нақлиёт омили асосии пешрафти давлат мебошад. Вобаста ба ин, низоми таъмини бехатарии ҳаракат дар роҳ бо истифодаи воситаҳои нақлиёт мушкилоти ҷиддитареро ба вуҷуд меорад, ки бо вайрон кардани қоидаҳои ҳаракат дар роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт алоқаманданд. Ин қоидавайронкуниҳо боиси як қатор мушкилиҳои соҳаҳои ҳуқуқ (ҳуқуқи маъмурӣ, ҳуқуқи ҷиноятӣ, ҳуқуқи иқтисодӣ, ҳуқуқи маданӣ ва ғ.) мегарданд, ки зарурати таҳияи тадбирҳои давлатиро бо мақсади кам кардани таъсири оқибатҳои истеҳсоли воситаҳои нақлиёт ба вуҷуд меорад. «Истеҳсол ва истифодаи воситаҳои нақлиёт дар ин ё он кишвар, ки ба ҳалли мушкилоти ҳамлу нақли мусофирон ва бор нигаронида шудааст, боиси пайдо шудани мушкилотҳои таъмини бехатарии ҳаракат дар

роҳҳо гардида истодааст» Зеро ба ҳуқуқҳои асосии инсон ва шаҳрвандон (ҳаёт ва саломатӣ) зарба мезананд. Муаллиф ҷанбаҳои криминалистӣ, ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ, маъмурӣ ва криминологии вайронкунии қоидаҳои ҳаракат дар роҳҳоро тавзеҳ медиҳад.

**Дар доираи боби мазкур муаллиф** тавсифи криминалистии ин ҷиноят якчанд унсурҳои таркибиро доро мебошад, ки дар тафтиши садамаҳои наклиётӣ бояд баррасӣ гарданд: маълумоти зарурӣ дар бораи тарзи содир шудани садамаи нақлиётӣ ва механизми содиршавии ҷиноят; шахсияти ронанда ва ҷабрдида; предмети суиқасди ҷиноят; механизми бавуҷудоии пайҳо дар натиҷаи содиршавии садамаи нақлиётӣ; вазъияти содиршавии ҷиноят. Омӯзиши ҳамаҷонибаи ҳар як унсури муайяншуда ба интихоби дурусти усулҳои тафтиши ҷиноят мусоидат мекунад

Дар натиҷаи таҳлили тавсифи криминалистӣ муаллиф ба хулоса меояд, ки барои доштани арзиши амалии тавсифи криминалистии ҷинояти нақлиётӣ бояд ҳар чи бештар ба сохтори предмети исботи вайронкунии қоидаҳои ҳаракат дар роҳҳо наздик шуд. Элементҳои таркибии криминалистӣ дар ҷиноятҳои баррасишаванда накши асосӣ доранд, ки предмети исботи вайронкунии қоидаҳои ҳаракат дар роҳҳо ва истифодаи воситаҳои нақлиётиро ба миён меорад.

Дар анҷом муаллиф хулоса мекунад, ки дар тавсифоти криминалистӣ бояд дар ин ҷиноятҳо бештар диққати худро ба тарзи содир шудани ҷиноят, муайян кардани шахсияти ҷиноятткор, механизми бавуҷудоии пайҳо дод.

Боби дуюми диссертатсияи Саидзода Раҷабали Ҳокимҷон дар мавзуи **«Таҳқиқоти криминалистии усули тафтиши ҷиноятҳои марбут ба вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт»,** ба асосҳои ташкилӣ ва банақшагирии тафтишии ҷинояти вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт бахшида шудааст.

Муаллиф дар ин боб бештар диққати худро ба оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ ва ташкили тафтиши ҷиноятҳои вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт, вазъиятҳои намунавии тафтишӣ ва

банақшагирии тафтишӣ, ҳолатҳое, ки бояд дар нақшаи тафтишӣ бояд оварда шаванд, тахминҳои криминалимтӣ ва тафтиши онҳо ва дигар маъалаҳоро баррасӣ намуда, нишон медиҳад, ки ин ҷиноят ба муносибатҳои қоидаҳои ҳаракат дар роҳҳо ва тартиботи ба роҳ мондани тафтиши онҳо равона шудаанд. муаллиф пешниҳо дорад, ки марҳилаи оғози парвандаи ҷиноятӣ яке аз марҳилаҳои зарурӣ барои тафтиши парвандаи ҷиноятӣ марбут ба садамаҳои нақлиётӣ ба ҳисоб рафта, ин марҳила ҷиҳати қабули қарори асосноки мурофиавӣ хизмат намуда, истисно намудани он қобили қабул намебошад

Муҳаққиқ пешниҳод дорад, ки як қатор маълумотҳо дар мавриди тафтиши ҷиноятҳо ба муқобили бехатарии ҳаракат дар роҳ ва истифодаи нақлиёт ба сифати далел баромад мекунанд, аз қабили баёноти иштирокчиёни садамаи нақлиётӣ, баёноти хешу табори ҷабрдидагон, шоҳидони ҷойи ҳодиса, хабари шахсони мансабдори муассисаҳои тиббие, ки дар он ҷо чабрдидагони садамаи нақлиётӣ бистарӣ шудаанд, хабарҳои шахсони мансабдори мақомоти назорат дар соҳаи нақлиёту роҳҳо ва дигар ташкилотҳое, ки барои пешгирии садамаҳои нақлиётӣ вазифадоранд ва монанди инҳо.

Дар доираи ин боб муаллиф, инчунин ба тартиб додани нақшаи тафтишӣ ва ҳолатҳое, ки дар он бояд оварда санҷида шаванд диққат додааст. Ба ақидаи ӯ дар рафти тафтиши ҷиноятҳо муфаттиш амалҳои гуногуни мурофиавӣ, ташкилӣ, омодагӣ, ҷустуҷӯӣ ва ғайраҳоро анҷом медиҳад. Ин фаъолият бо назардошти таҳлили ҳамаҷонибаи иттилооти мавҷуда дар бораи ҷинояти мавриди баррасӣ амалӣ мегардад. Он дар шароити вақт, макон ва муҳити муайян иҷро шуда, дар асоси арзёбии мавҷудият ё набудани неру ва захираҳои зарурӣ барои татбиқи тадбирҳои муносиб сурат мегирад.

Дар ин ҳолат ӯ хулосабарорӣ кардааст, ки ҳангоми номуайянии оқибатҳои рухдода, қарор қабул кардан дар бораи тафтиши маъмурии ҳолатҳои садамаи нақлиётӣ мувофиқи мақсад аст. Дар доираи ин тафтиш шахси амаликунандаи санҷиш метавонад экспертизаи судии тиббиро таъйин кунад, ки дар асоси хулосаҳои он масъалаи ба ҷавобгарии маъмурӣ кашидани шахси гунаҳгор (агар зарари миёна ба саломатӣ расонда шуда бошад) ҳал карда мешавад ё дар

ҳолати оқибатҳои вазнинтар доштани садама дар хусуси қатъ кардани мурофиаи парвандаи маъмурӣ ва интиқоли мавод барои тафтиш тасмим гирифта мешавад.

Боби сеюми диссертатсия таҳти унвони **«Тафтиши вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт» мебошад**, ки яке аз қисматҳои муҳим ва калидии тадқиқот ба шумор рафта, дорои аҳаммияти назариявӣ ва амалии хеле баланд мебошад. Дар ин боб муаллиф тактикаи гузаронидани амалҳои алоҳидаи тафтишӣ дар алоҳидагӣ ва тартиби таъин ва гузаронидани экспертизаро баррасӣ кардааст. Ба андешаи муаллиф амалҳои ибтидоии тафтишӣ дар тафтиши садамаҳои нақлиётӣ бояд онҳоеро дар бар гиранд, ки фавран дар оғози тафтиш амалӣ карда шаванд, ҳамчунин амалҳои дигареро, ки иҷроиши фавриро талаб намекунанд, аммо барои ба даст овардани маълумоти барои банақшагирии тафтиш нокифоя равона шудаанд. Амалҳои ибтидоии муфаттиш гуфта, он амалҳои тафтишӣ дар назар дошта шудааст, ки то лаҳзаи ба миён омадани зарурати банақшагирии муфассал анҷом дода мешаванд. Амалҳои аввалини тафтишӣ – ин амалҳои зарурие мебошад, ки муфаттиш дар ҷараёни тафтиши парвандаи ҷиноятӣ сари вақт ва оҷилан онҳоро амалӣ менамоянд.

Дар ин маъала диссертант хулоса кардааст, ки муфаттиш бояд таҳлили пурраи меъёрҳои қонуни ҷиноятӣ ва маъмуриро дар ин соҳа хуб бифаҳмад. Ин мавзуъ дар таҳқиқоти илмӣ ва таҷрибаи амалии тафтиш ва судӣ низ аз тарафи мутахассисони соҳа баррасӣ гардидааст. Зеро вайронкунии қоидаҳои ҳаракат дар роҳҳо ва истифодаи воситаҳои нақлиёт дар ҳама ҳолат ҷиноят эътироф намешаванд, ҳамеша ронандаро гунаҳгор кардан низ мумкин нест, нисбати иштирокчиёни роҳ низ қонунгузории ҷиноятӣ ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбинӣ кардааст.

Дар доираи боби мазкур, инчунин масъалаҳои донишҳои махсус, ҷудо намудани онҳо, кадом масъаларо муфаттиш бояд дар назди кадом эксперт гузорад баррасӣ кардааст.

Ба ақидаи ӯ ба кор бурдани донишҳои махсус яке аз масъалаҳои муҳимтарини тафтиши ҷиноятҳо мебошад. Зеро мавридҳое ҳастанд, ки ошкор кардани онҳо барои таҳқиқи ҷиноят муҳим аст, вале бо роҳҳои одии ҳуқуқӣ муайян карданашон ғайриимкон мебошад. Аз ин рӯ, муфаттиш (таҳқиқбаранда) маҷбур аст, ки ба донишҳои махсус такя кунад. Зеро имконияти истифодаи донишҳои махсус, заминаи асосӣ, масъалаи аввалиндараҷа, манбаи бадастоварии далелҳои шайъӣ, асоси бандубасти ҷиноят, сарчашмаи ошкоршавии ҳодисаҳои ҷиноят ё тарзи содиршавии онҳо шуда метавонад. Донишҳои махсус – дониш ва малакаҳои касбӣ дар соҳаи илм, техника, санъат ё ҳунармандӣ мебошанд, ки барои ҳалли масъалаҳое, ки ҳангоми тафтиш ва баррасии парвандаҳои мушаххас дар суд ба миён омадаанд, заруранд.

Муаллиф пешниҳод дорад, ки афзалият дар интихоби муассисаи экспертӣ дар тафтиши вайронкунии қоидаҳои ҳаракат дар роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт дар ихтиёри муассисаҳои давлатии экспертӣ боқӣ мемонад. Айни замон, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муассисаҳои экспертии давлатӣ дар сохтори ниҳодҳои зерин мавҷуданд, ки дар тафтиши садамаҳои нақлиётӣ метавонанд ҷалб карда шаванд: Вазорати корҳои дохилии ҶТ; Вазорати адлияи ҶТ; Кумитаи давлатии амнияти миллии ҶТ; Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии ҶТ. Дар байни муассисаҳои зикршуда, бештар ба фаъолияти муассисаҳои экспертии давлатии Вазорати корҳои дохилӣ ва Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ зарурат вуҷуд дорад.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсияи Саидзода Раҷабали Ҳокимҷон дар мавзуи «Таҳқиқоти криминалистии усули тафтиши ҷиноятҳои марбут ба вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.12. Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ба талаботи қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии

Тоҷикистон, ки аз 30 сентябри соли 2021, №7 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.** Тахассуси илмии Саидзода Раҷабали Ҳокимҷон аз рӯйи ихтисоси 5.5.12. Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ мувофиқат мекунад. Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз ин ҷиҳат қобили дастгирӣ мебошад.

**Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия.** Новобаста аз дастоварду муваффақиятҳо ва пешниҳодҳои ҳадафмандона диссертатсияи мазкур аз норасоиҳо ва ғалатҳое, ки хусусияти ҷузъӣ доранд, холӣ нест ва камубдиҳои ҷойдошта сифати баланди илмии диссертасияро коста намегардонад. Ба инобат гирифтани онҳо дар таҳқиқоти ояндаи диссертант арзёбӣ мегарданд:

1. Муаллиф дар пешниҳоди якум, ки хусусияти амалӣ дорад, танҳо масъалаи таъмини бехатарии ҳаракат ва истифодаи воситаҳои нақлиёт ва аҳамияти махсус доштани онро баҳо додааст. Аммо баррасии пурраи бехатарии ҳаракат дар роҳҳо ва истифодаи воситаҳои нақлиёт аз ҷиҳати криминологӣ, ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ва криминалистӣ ба таври пурра ва дақиқ бо хулосаҳо пешниҳод нашудааст. Ҳоло он, ки дар зербоби 1.1 ин масъаларо баррасӣ кардааст. Гузашта аз ин дар кори мазкур баҳо додани бехатарии ҳаракат дар роҳҳо аз ҷониби тамоми соҳаҳои илмӣ шарт ва зарур мебошад.

2. Ба ҳамагон маълум аст, ки таркиби моддаи 212 КҶ ҶТ ғайр аз унсурҳои таркибӣ (объект, тарафи объективӣ, субъект ва тарафи субъективии ҷиноят) боз шартҳои ҳатмиро дорад, ки бояд дар тафтиши садамаҳои нақлиётӣ санҷида шаванд: вайронкунии қоидаи ҳаракат дар роҳҳо; расонидани зарари миёна, вазнин ва ё бавуҷудоии оқибати марг; садамаи нақлиётӣ. Ин ҳолатҳо тамоман дар диссертатсия ба таври мушаххас баррасӣ ва таҳлил нашудаанд.

3. Дар матни диссертатсия муаллиф шахсияти гумонбаршуда ва ҷабрдидаро аз нигоҳи илми криминалистика ва криминология баҳо додааст. Аммо субъекти ҷиноят ва шахсияти ҷабрдида аз нигоҳи илми ҳуқуқи ҷиноятӣ

баҳогузорӣ нашудааст. Ҳоло он, ки муфаттиш дар тафтиши ин категорияи ҷиноятҳо бо дарназардошти илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ин кирдорро пурра баҳо медиҳад. Суд ҳам бо истифода аз муқаррароти қисми умумии кодекси ҷиноятии ҶТ (м.60-63, 71-72 ва ғ.). Бинобар ин хуб мешуд, ки шахсияти гумонбаршуда ва ҷабрдида аз нигоҳи илми ҳуқуқи ҷиноятӣ низ дар кори мазкур ба тарвӣ мушаххас ва асоснок баҳо дода шаванд.

Автореферати диссертатсия тибқи тартиби муқарраршуда барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.12. Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ таҳия гардида мазмуни асосии кори таҳқиқро инъикос менамояд ва дар он натиҷаҳои назаррасӣ илмӣ асоснок гардида, шарҳи пурраи худро ёфтаанд.

**Хулосаи умумӣ оид ба диссертатсия.** Хулосаи диссертатсияи Саидзода Раҷабали Ҳокимҷон дар мавзуи: «Таҳқиқоти криминалистии усули тафтиши ҷиноятҳои марбут ба вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.12. Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар сатҳи зарурии илмӣ анҷом ёфта, аз ҷиҳати мазмун ба талаботи мавҷуда мутобиқ мебошад.

Диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.12. Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ сазовор мебошад.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти бандҳои 76-79 ва 81-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, таҳия ва пешниҳод шудааст.

Диссертатсия ва автореферат дар семинари васеи илмӣ - назариявӣ кафедраи ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи

(Славянии) Россия  Тоҷикистон баррасӣ шудааст. Суратҷаласаи семинарии васеи илмӣ-назариявӣ таҳти № 9  аз 24 апрели соли 2026.

Тақризи муассисаи пешбар аз ҷониби Ҳамроев Шуҳрат Садирович, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, декани факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон, дар семинари васеи илмӣ - назариявӣ кафедра баррасӣ, муҳокима ва ҷонибдорӣ шудааст. Дар семинари васеи илмӣ - назариявӣ кафедра аз 10 нафар иштирок доштанд: 10 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 10, «зид» - нест, «бетараф» - нест. Суратҷаласаи кафедра таҳти № 9 аз 24 апрели соли 2026.

**Раиси семинари васеи илмӣ- назариявӣ:**
Муваққаттан иҷрокунандаи вазифаи
мудири кафедраи ҳуқуқи мурофиаи
ҷиноятӣ ва криминалистика
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент — Назарзода Р.Ғ.

**Ташхисгар:**
Декани факултети ҳуқуқшиноси
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор — Ҳамроев Ш.С.

**Котиби ҷаласа:**
Муаллими кафедраи ҳуқуқи мурофиаи
ҷиноятӣ ва криминалистика — Желтова В.А.

**Имзои Хамроев Ш.С., Назарзода Р.Г. ва котиби ҷаласа Желтова В.А. -ро тасдиқ менамоям:**

Сардори шуъбаи кадрҳои
Донишгоҳи (Славянии) Россия ваТоҷикистон — Исмоилова М.Н.

«30» 04 2026 сол

Телефон: (+992) 37 221-35-50
Почтаи электронӣ: p.rektora@mail.ru
Ҷойгиршавӣ: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, кӯчаи Мирзо Турсунзода, 30.